Бо фармоиши вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 7.07. 2020, №1854
тасдиқ шудааст

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии
Тоҷикистон аз 19.08.2020,
№1032 ба қайд гирифта
шудааст.

# Қоидаҳои
# пешниҳод намудани таклиф оид ба таъсис, markup азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои пешниҳод намудани таклиф оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (минбаъд - Қоидаҳо) тартиби пешниҳоди таклифро аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ (томактабӣ, умумӣ, ибтидоӣ, миёна, олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ, иловагӣ ва махсус) муайян менамояд.

2. Муассисаи таълимии ғайридавлатӣ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, қоидаи мазкур ва оинномаи худро ба роҳбарӣ мегирад.

3. Муассисаи таълимии ғайридавлатӣ ҳамчун қисми таркибии соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари муассисаҳои таълимии давлатӣ ваколат дошта, дар амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандон ба таълим, сарфи назар аз аслу насаб, ҷинс, забон, миллат, муносибати нажодию миллӣ, вазъи иҷтимоию махсусияти касбу кор, мазҳаб ва муносибатҳои динӣ, ҳуқуқҳои шахс вобаста ба шаклу намуди интихобнамудаи қобилияту истеъдод, лаёқатмандӣ, ҳифзи саломатӣ, сифатнок аз худ намудани барномаҳои таълимӣ, ки бо меъёрҳои стандарти давлатии таҳсилот ё стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошад, масъулият дорад.

4. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ фаъолият менамоянд ва онҳо метавонанд ғайридавлатӣ ҳам бошанд:

- томактабӣ;
- таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ);
- таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- таҳсилоти миёнаи касбӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ;
- таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ;
- таҳсилоти иловагӣ;

- таҳсилоти махсус;

- муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тарбияро амалӣ мегардонанд.

## 2. ТАШКИЛ ВА МАҚСАДУ ҲАДАФИ ФАЪОЛИЯТИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ

5. Муассисаи таълимии ғайридавлатӣ бо ташаббуси муассис (муассисон) таъсис дода шуда, низоми он бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад.

6. Муассиса пас аз дарёфти хулосаи мусбат, ки бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, метавонад барои гирифтани иҷозатнома мурочиат намояд.

7. Тартиби додани иҷозатнома ба муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

8. Муассиса метавонад дорои намояндагӣ ва филиалҳо бошад, вале онҳо шахси ҳуқуқӣ шуда наметавонанд.

9. Мақсаду мароми фаъолияти муассисаи таълимӣ аз қонеъ гардонидани талаботи шахс дар инкишофи зеҳнӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ бо роҳи ба даст овардани таҳсилот, таъмин намудани иқтисодиёти мамлакат бо мутахассисони баландихтисос ва ғайра иборат мебошад.

## 3.ТАШКИЛИ ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

10. Муассисаи таълимии ғайридавлатӣ ҷараёни таълиму тарбияро мувофиқи савияе, ки дар барномаҳои таълимӣ пешбинӣ шудааст, амалӣ мегардонад.

11. Муассиса вобаста ба ташкили дарачаи сатҳи дониш дар интихоби маводи иловагии таълим ва шаклу метод озод аст.

12. Ҷараёни таълим дар муассисаи таълимии ғайридавлатӣ дар асоси нақшаи таълимии муассиса, ки тибқи нақшаи намунавии тасдиққардаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дар назар доштани хусусияти муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ таҳия карда шудааст, сурат мегирад.

13. Муассиса дар интихоби шакл, тартиб ва санҷишҳои фосилавӣ мустақил буда, механизми онро муассис дар оинномаи муассиса нишон медиҳад.

14. Муассисаи таълимӣ зинаҳои таълимиеро, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф муқаррар шудаанд, амалӣ менамояд.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

15. Субъектҳои раванди таълиму тарбияро дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ тарбиягирандагон, хонандагон, донишҷӯён

(магистрон ва докторантон), омӯзгорон, мураббиён ва дигар кормандон, падару модарон, муассисон, шаҳрвандони алоҳида, ки дар фаъолияти ин гуна муассисаҳо иштирок мекунанд, ташкил медиҳанд.

16. Тамоми ҳуқуқу ухдадориҳое, ки барои субъектони раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ шудаанд, барои субъектони раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ низ пешбинӣ гардида, дар оинномаи он дарҷ карда мешаванд.

## 5. ИДОРАКУНИИ МУАССИСА

17. Муассисаи таълимии ғайридавлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», дигар қонунҳои амалкунандаи соҳаи маориф ва қоидаҳои  мазкур идора карда мешавад.

18. Мақоми олии идоракунии муассисаи таълимии ғайридавлатӣ-шӯрои олимон (педагогӣ) ва маҷлиси умумии муассисон мебошад.

19. Маҷлиси умумии муассисон аз ҳисоби муассисони муассисаи таълимии ғайридавлатӣ таъсис меёбад.

20. Маҷлиси умумии муассисон дар се моҳ як маротиба гузаронида мешавад.

21. Маҷлиси умумии муассисон самтҳои асосии таълиму тарбия, фаъолияти ҳуқуқӣ, молиявӣ ва хоҷагии муассиса ва дар маҷмӯъ фаъолияти пурраи муассисаи таълимии ғайридавлатиро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат менамояд.

## 7. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ХОРИҶИИ МУАССИСА

22. Фаъолияти молиявӣ, иқтисодӣ ва хориҷии муассисаи таълимӣ дар мувофиқа бо муассис (муассисон) тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

## 8. ТАҲИЯИ ТАКЛИФ ОИД БА ТАЪСИС, АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ

23. Таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассиса дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

24. Ҷиҳати пешниҳоди таклиф оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссия таъсис дода мешавад. Ҳайати комиссия бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

25. Барои таҳияи таклифи таъсис додани муассисаи таълимии ғайридавлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд:

- ариза ба номи вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- стандартҳои фаннӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ;

- нусхаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ;

- маълумотнома дар бораи ҳайати кадрҳои омӯзгорӣ, таъмин будан бо нуқтаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасонии тиббӣ, ба талаботи мақомоти санитарию эпидемиологӣ ва сӯхторхомӯшкунӣ ҷавобгӯ будани муассисаи таълимӣ, самт ва зинаҳои таълим, дараҷаи тахассусӣ, шумораи ниҳоии хонандагону донишҷӯён, адабиёти таълимӣ, таълимию методӣ, илмӣ ва пояи моддию техникии муассисаи таълимӣ.

26. Таҳияи таклиф оид ба азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ бо ташаббуси муассиси (муассисон) онҳо ва ё Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

27. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қоидаҳои мазкур таклифи дахлдорро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

28. Муассисаҳои таълимии ғайридавлатии байналмилалӣ, хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд, мувофиқи шарту талаботе, ки нисбат ба муассисаҳои таълимии ғайридавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад, ҳуҷҷат пешниҳод менамоянд.